# СУРАТМАҶЛИСИ № 22

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044

**02 феврали соли 2024** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2022, №128/шд тасдиқгардида, 11 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. **Дар бораи ташкили комиссияи экспертӣ:**

Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д. дар бораи пешниҳоди диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 - Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, барои гузаронидани экспертизаи диссертатсия сухан ронда, пешниҳод кард, ки ҷиҳати гузаронидани экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Муртазозода Ҷ.С., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдулхонов Ф.М. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Соибов З.М. ташкил карда шавад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Рисолаи диссертатсионии Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 - Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), барои гузаронидани экспертиза қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад:

– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, аъзои шуро Муртазозода Ҷамшеди Саидалӣ;

– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, аъзои шуро Абдулхонов Файзалӣ Маҳмудович;

– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович.

**Қарор якдилона бо овоздиҳии ошкоро қабул карда шуд.**

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Ғафурзода А.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсент** **Рустамзода Ҷ.Ю.**

АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН